# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияии Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Адабиёти бузург ва ҷаҳонгире, ки аҷдодони мо аз худ ба мерос гузоштаанд, саромади адабиётҳои ҳамсоягон ва мардумони дигари сайёра буда, баландтарин матлабро оид ба исботи ин гуфтаҳо на мо, балки варзидатарин мусташриқини олам гуфтаанд. Аз ин лиҳоз, басо зарур аст, ки бо ба инобат гирифтани матлаби болозикр ҷиҳати омӯзиши осори адабии аҷдодӣ боз ҳам иқдом намоем, то дар роҳи муаррифии мероси фарҳанги миллӣ, он ҳам бошад дар раванди ҷаҳонишавӣ ба дастовардҳо ноил бигардем.

Маълум аст, ки ҳар як тадқиқоти илмӣ бозтобкунанда ё инъикоскунанадаи адабиёт, таъриху фарҳанги ҳар як миллат дониста мешавад. Дар адабиётшиносӣ масъалаи таҳқиқ дар самти таъсиргузорӣ ва таъсирпазирӣ бо равиши муқоисавӣ-таҳлилӣ ҳанӯз ба пуррагӣ таҳқиқ нагардидааст, зеро робитаҳои адабӣ ва ҳамбастагиҳо хеле доманадору густурда мебошанд. Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертант Сайфуллоев Муслиҳиддин дархури аҳмияти илмӣ ва сари вақти мебошад. Воқеан, диссертант, як кори мукаммали илмӣ таълиф намудааст, ки он як сарчашмаи илмӣ барои шинохти адабиёти муқоисавӣ- таҳлилӣ ва робитаҳои адабии Арабу Аҷам маҳсуб дониста мешавад.

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» давоми мантиқии робитаҳои илмӣ буда, барои равшанӣ андохтан ба паҳлӯҳои адабиёти татбиқӣ, хусусан таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Хайём аҳаммияти илмӣ дорад.

Автореферати диссертатсия аз қисматҳои зерин иборат аст: муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, кисмҳои асосии тадқиқот, хулоса ва феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Дар муқаддимаи автореферат мубрамии мавзуи тадқиқот, сатҳи тадқиқи мавзуъ ва робитаи тадқиқот бо барномаҳои мавзуи илмӣ муайян гардиданд.

Ба андешаи муаллиф мубрамияти тадқиқи мавзуъ бо зарурати омӯзиши адабиёти миллӣ мустақиман ва ё орӣ аз ҳар гуна таъсири беруна рушду нумуъ накардааст ва нахоҳад кард. Инчунин, диссертант мушаххас намудани аҳмияти робитаҳои адабӣ ва пайвандҳои адабӣ, дар раванди модернизатсия, ки зарурати таҳқиқи илмӣ пайдо мекунад ва дар солҳои охир дар кишвари мо ҳамчун як самти нав ва мустақили филология дар ҳоли шаклигирӣ қарор дорад, хеле дақиқназарона дар муқаддима маълумот додааст.

Дарачаи тадкиқи мавзуи илмӣ вобаста ба маводҳои тадкиқотии ба раванди омодагӣ ва навиштани рисола ҷалбгардида муайян мегардад, ки баъзе аз адабиёт аз ҷониби муаллиф, дар автореферат ба таври мушаххас таҳлил ёфтанд. Тадкиқотҳои олимони дохиливу хориҷӣ, ки дар шинохти мероси адабии Умари Хайём ва Илё Абумозӣ таълифоти илмӣ намудаанд, дар навиштани диссертатсия хеле хуб истифода шудаанд.

Навгонии илмии тадқиқот пеш, аз ҳама бо баррасӣ гардидани заминаҳои ташаккул ва махсусиятҳои инкишоф бештари пажуишҳо, ки дар масъалаи мубрами арабшиносӣ марбутанд. Ичунин, баръакси ҳол, яъне таъсири афкору орои адабиёти тоҷикӣ ба адабиёти муосири араб аз навгониҳои диссертатсия маҳсуб мешаванд.

Дар қисмати "Қисмҳои асосии тадқиқот" маълумоти мухтасар оид ба бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки тахти унвони **"Рӯзгор ва осори Илё Абумозӣ"** номгузорӣ шудааст, муаллиф оид ба зиндагӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоии асри XX - и замони шоир таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асоси таҳлили асарҳои муҳаққиқони гуногун андешаҳо ва хулосаҳои илмии худро тақвият медиҳад. Дар фаслҳои боби мазкур перомуни доираҳои адабӣ ва саҳми Илё Абумозӣ, мероси адабии шоир ва андешаҳои иҷтимоии шоир муайян гардида, таҳқиқ шудаанд.

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ **"Таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб ва эҷодиёти Илё Абумозӣ"** ном дорад. Муаллиф дар ин боб, аз шуҳратёбии шоир бо ин қасида ва таъсирпазирӣ ӯро аз рбоиёти Умари Хайём бо далелҳои илмӣ нишон додааст.

Боби сеюми рисола **"Таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хайём ва Илё Абумозӣ"** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Бояд гуфт, ки боби асосии рисола маҳз ҳамин боб ба шумор меравад. Дар он муҳаққиқ дар хусуси чигунагии таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Хайём баҳс намудааст. Инчунин, дар шарҳу баёни мантиқ, фалсафаи ҳастиву нестӣ ва дигар муҳаммоҳои сарбасти рубоиёти шоир андешаҳои ҷолиб ва хулосабарори дақиқназарона намудааст. Афзун бар ин, натиҷаҳои кори илмӣ заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дошта, аҳамияти муҳими адабӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро соҳиб мебошад.

Дар хулосаи кори илмӣ натиҷаҳои асосии илмии тадқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии тадқиқот оварда шуданд. Муаллиф оид ба шуҳрати Умари Хайём ва таъсирпазири аз рубоиёти ин ситораи тобноки шарқ, дар шеъри муосири араб дар мисоли Илё Абумозӣ ба таври возеҳ равшанӣ андохтааст. Ҳамзамон, роҳҳои дарки муаммоҳои вуҷуд, майу маъшуқа, бевафоии дунё ва дигар ҷанбаҳои фалсафию озодандешии Умари Хаёмро бо қабул ва равнақ додан дар адабиёти муосири араб инъикос намудааст.

Автореферати диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи "Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём" як таҳқиқоти муваффақ, бaанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба

тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Автореферат аз оғоз то поён бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ таҳия шудааст.

Бархе аз камбудиҳои ҷузъӣ ва имлоӣ, ки ба назар мерасад аҳамияти илмии автореферsucceedатро коҳиш намедиҳад. Аз он ҷумла:

1. Дар саҳифаҳои 16, 18 бо ғалатҳои имлоӣ вохӯрдан мумкин аст.
2. Хуб мешуд, ки дар автореферат порчаҳои шеърии арабӣ дар шакли транскрипсия оварда мешуд.

Метавон гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта дар автореферат ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии онро коста намекунанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро иҷро кардааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сайфуллоев М. Ҳ. дар мавзуи **“Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём”** тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

**Муқарриз, н.и.ф., дотсент,**
мудири кафедраи мутолиоти
шарқи факултети муносибатҳои
байналхалқии ДМТ Раҳмонов М. А.

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.**
**Телефон: (+992)918959553**
**E-mail:rahmonov_mehrovar@mail.ru**

Имзои Раҳмонов Меҳроварҷон Амонидиновичро
“тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«02» 12 соли 2023